آواز تاجیک
*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*
Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

30 апрели соли 2025
Чоршанбе
№ 35 (15150)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН РОҲБАРОНИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ВАРЗИШРО ҚАБУЛ КАРД

***29 апрел Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев роҳбари Федератсияи ҷаҳонии шиноварӣ, директори генералии Шўрои олимпии Осиё Ҳусайн ал-Мусаллам ва нахустин ноиби президенти Ассотсиатсияи кумитаҳои олимпии миллӣ Шайх Ҷавъан бин Ҳамад Ол Сониро қабул кард.***





Масъалаҳои муҳими тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи варзиш, дастгирии ҳаракати олимпӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди варзиши касбӣ ва оммавӣ дар мамлакатамон баррасӣ шуданд.

Дар оғози мулоқот Шайх Ҷавъан бин Ҳамад Ол Сонӣ ба роҳбари Ўзбекистон салом ва орзуҳои накўтарини Амири Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сониро расонд.

Ба сатҳи баланд расидани ҳамкориҳои амалӣ бо ин созмонҳои байналмилалии варзишӣ бо мамнуният таъкид гардид.

Ба таҳкими шарикӣ бо Федератсияи ҷаҳонии шиноварӣ, татбиқи барномаҳо оид ба омодасозии мутахассисон, инчунин ба вуҷуд овардани инфрасохтори замонавӣ ва оммавӣ барои намудҳои варзиши обӣ дар Ўзбекистон диққати махсус дода шуд.

Масъалаҳои баргузории мусобиқоти бузурги байналмилалӣ, ҷамъомади Ассамблеяи Шўрои олимпии Осиё ва чорабиниҳои асосии Ассотсиатсияи кумитаҳои олимпӣ дар мамлакатамон баррасӣ шуданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА НИЗОМИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ МУАРРИФӢ ГАРДИДАНД

***Ба Сарвари давлат оид ба чораҳои дастгирии оилаҳои камбизоат, таъмини шуғли ашхоси маълул, тавсеаи фарогирӣ ва намудҳои хидматҳои иҷтимоӣ маълумот дода шуд.***

Дар мамлакати мо инсонҳои низёманд мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор ёфта, аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ карда мешаванд. Ба чунин оилаҳо дар асоси барномаи «Аз кабизоатӣ ба сўи накўаҳволӣ» дар соҳаҳое чун таъмини шуғл, таълим ва тандурустӣ кумак расонида мешавад.

Ҳамзамон, ин раванди густурда ва муттасил буда, такомули доимиро тақозо мекунад. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки оилаҳои камбизоат вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар се тоифа дастгирӣ карда шаванд.

Ба оилаҳои камтаъмин зиёда аз 100 намуди хидматҳои иҷтимоӣ, кумаку имтиёзҳо расонида мешавад. Тартиби дохил намудан ба «Феҳристи оилаҳои камбизоат» дар сатҳи санади қонунгузорӣ муайян мегардад. Барои аз камбизоатӣ раҳо кардани онҳо нақшаҳои инфиродӣ тасдиқ гардида, хидмат ва кумакҳои мақсаднок расонида мешавад. Омилҳое, ки таъмини шуғли чунин инсонҳоро маҳдуд месозанд, бартараф гардида, ба онҳо барои ба даст овардани даромади муайян шароит фароҳам карда мешавад.

Фарзандони оилаҳои ниёзманд аз пардохт барои гурўҳҳое, ки тўли рўз дар мактаб дарс мегузаранд, озод карда мешаванд ва хонандагоне, ки бо баҳои аъло мехонанд, дар истироҳатгоҳҳо ройгон истироҳат хоҳанд кард. Ба хонанда-духтарони аълохон, ки аз оилаҳои камбизоат ҳастанд, ба андозаи 2 баробари стипендияи асосӣ стипендияи махсус дода мешавад.

Дар муаррифӣ дар бораи чораҳои таъмини шуғли маъюбон низ маълумот дода шуд.

Мувофиқи он ба корхонаҳои саноати сабук, ки маъюбонро бо кор таъмин мекунанд, фароҳам овардани афзалиятҳое чун тақдими имтиёзҳои андоз, кам кардани меъёри андози иҷтимоӣ барои чунин кормандон ва ба соҳибкорон аз ҳисоби Хазинаи давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ҷудо кардани субсидия то 500 миллион сўм пешбинӣ шудааст.

Инчунин, ба шахсони маълул миқдори хариди мол ва хидматҳои дахлдор тавассути майдончаи тиҷорати электронӣ зиёд карда мешавад. Дар техникумҳо барои ба онҳо омўхтани касбу ҳунар гурўҳҳои таълими инклюзив ташкил мегардад.

Бо мақсади тавсеаи фарогирӣ ва намудҳои хидматҳои иҷтимоӣ ба ашхосе, ки ба парвариши дигарон ниёз доранд, барномаи «Қадам ба ҳаёти фаъол» роҳандозӣ мешавад.

Дар доираи барнома барои онҳо хидматҳои тиббиву иҷтимоӣ, монанди нигоҳубини рўзона ё ки парвариш дар хона, ёрӣ ба корҳои рўзгор, барқарорсозии фаъолияти ҳаракати аз даст рафта, пешгирии бемориҳо ба роҳ монда мешавад.

Сарвари давлат пешниҳодҳоро маъқул диниста, ҷиҳати татбиқи мунтазам ва таъмини назорати иҷрои онҳо супоришҳо дод.

**ЎзА.**

# НАҚШАҲОИ НИЗОМИ КАДАСТР БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти корҳое, ки ҷиҳати баҳисобгирии замин ва рушди хидмати кадастр иҷро шудаанд ва вазифаҳои минбаъда шинос шуд.***

Дар мамлакат қариб 45 миллион гектар майдони замин мавҷуд. То соли 2021 ҳамагӣ 1 миллион гектари ин майдонҳоро ба рўйхати давлатӣ гирифта буданд. Солҳои охир низоми ягона созмон ёфта, рақамикунонӣ ҷорӣ карда шуд ва дар натиҷа 42 миллион гектар замин, яъне 94 дарсади майдони умумӣ аз рўйхат гузаронида шуд.

Аз ҷумла, фонди ҷангал ва об, минтақаҳои табиии ҳифзшаванда пурра ба рўйхати давлатӣ гирифта шуданд. Маълумотҳо оид ба 13 намуди кадастри давлатӣ, аз қабили нақлиёт, алоқа, геодезия, энергетика, роҳ 100 фоиз ташаккул ёфт. Кор аз рўи 7 самти дигар дар марҳилаи ниҳоӣ қарор дорад.

Масъалаи муҳимтарини соҳа танзими муносибатҳои амволи ғайриманқул мебошад. Бо ин мақсад пойгоҳи ягонаи маълумотҳо – системаи UZKAD ба кор даровarda шуд, ки дар он воқеӣ ва эътимоднокии амволи ғайриманқул аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад.

Тамоми бино ва иншоотҳо аз рўйхат гузаронида шуда, ба система дохил карда мешаванд. То ҳол дар ин системаи нав дар бораи 150 ҳазор манзили истиқоматӣ ва 707 ҳазор объекти ғайриистиқоматӣ, инчунин 44 ҳазор биноi бисёрошёна маълумот ҷойгир карда шудааст.

То солҳои наздик миллионҳо нафар шаҳрвандон аз ҳуқуқи соҳиби манзили худро надоштан азоб мекашиданд. Бо Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 5 августи соли 2024 “Дар бораи эътирофи ҳуқуқ ба қитъаҳои замини худсарона ишғолшуда ва бинову иншооти дар онҳо сохташуда» аз моҳи январи соли ҷорӣ раванди расмисозӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба соҳибони онҳо оғоз гардид.

Дар тақдимот нақша ва вазифаҳои афзалиятноки минбаъда низ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зикр гашт, ки соли равон 400 ҳазор хонаи инфиродӣ ба системаи UZKAD ворид карда мешаванд. Дар натиҷа равандҳои чун фурўш, иҷора, мерос ва ба гарав гузоштани амвол осонтар мегардад. Дар оянда беш аз 6 миллиону 300 ҳазор хонаи тартиби якка ба ин система дохил карда мешаванд.

Дар бисёр ҷойҳо байни арзиши кадастрии амволи ғайриманқул ва аризиши аслии бозории он фарқи калон ба чашм мерасад. Ин дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ва тиҷорат номутавозуниро ба вуҷуд меорад.

Аз ин рў, тибқи Фармони Президенти Ўзбекистон аз 5 март низоми баҳодиҳии оммавии амволи ғайриманқул ҷорӣ мешавад. Бо ин мақсад дар Агентии кадастр Маркази миллии баҳодиҳии оммавии амволи ғайриманқул кушода шуд. Барои он 40 миллиард сўм ҷудо гардида, коршиносони ботаҷриба ҷалб шуданд ва корҳои амалӣ оғоз гардиданд.

Баҳодиҳии оммавӣ имсол дар шаҳри Тошканд сар шуда, солҳои оянда дар шаҳри Нукус ва маркази вилоятҳо, инчунин, тадриҷан дар минтақаҳои дигар амалӣ мегардад.

Сарвари давлат таъкид кард, ки маълумоти кадастр заминаи муҳим барои самарабахшии нақшаҳои иқтисодӣ мебошад ва аз рўйи умумият ва дақиқият дар ин самт дастурҳо дод. Вазифаи қатъиян кам кардани бюрократизм, баланд бардоштани сифати хидмати кадастр, фароҳам овардани сабукиҳо барои соҳибкорон гузошта шуд.

**ЎзА.**

# СЎХИ БОСТОНӢ ДАР ОСТОНАИ РЕНЕССАНСИ СЕЮМ

***Ташкил гардидани анҷумани илмиву амалӣ таҳти унвони «Сўх дар остонаи ренессанси сеюм» бо ибтикори ҳокимияти вилояти Фарғона ва филиали Академияи фанҳои Тўрон дар ноҳияи Сўх аз ҳодисаҳои хеле ҷолибе ба шумор меравад, ки дар партави мулоқоти роҳбарони се давлати ҳамҷавор дар шаҳри Хуҷанд ба вуқўъ пайваст. Он дар толори барҳавои Кохи фарҳанги ноҳия бо иштироки олимони адабиётшиносу таърихшиноси Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон сурат гирифт.***

Дар чорабинӣ ҷонишини ҳокими вилоят Хуршедҷон Аҳмадов зикр намуд, ки Сўх дурдонаи водии заррини Фарғона ба шумор меравад.

– Ҳадафи мо рушди соҳаи сайёҳӣ дар ин гўшаи дурдасти Ватани азиз мебошад. Иштироки олимони варзидаи се кишвар ба чорабинӣ шукўҳи тоза мебахшад. Сўх яке аз ноҳияҳои куҳантарин дар ҳудуди Ўзбекистон буда, тибқи маълумотҳои таърихӣ аввалин манзили одамони ибтидоӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Гарчанд роҷеъ ба таърихи Сўх якчанд китобу рисола рўйи чопро дидаанд, ҳамон ўқдаи таърихи ин гўшаи хурди замини бекарон кушода нашудааст, – изҳор намуд Хуршедҷон Аҳмадов. – Дар ноҳия мавзеъҳои таърихии бешумор мавҷуданд. Табиати Сўх бошад, дар чаҳор фасли сол ҳам назаррабо буда, диққати сайёҳонро ба худ ҷалб месозад.

Устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд Матлубаи Мирзоюнус иброз дошт, ки вохўрии сарони кишварҳои Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон дар шаҳри Хуҷанд ва ба имзо расидани аҳдномаҳои ҳамкории кишварҳоро намояндагони соҳаи илму маърифат низ бо хушнудӣ истиқбол намуданд.

– Он барои таҳкими риштаҳои дўстии се халқи бародар – тоҷикон, ўзбекон ва қирғизҳо мусоидат хоҳад кард, то ҷиҳати ба сатҳи сифатан нав баровардани ҳамкорӣ дар соҳаи илму маърифат кўшиши зиёд ба харҷ диҳанд, – афзуд ў.

Зикр гашт, ки ба қалбу шуури ҷавонон ҷойгир кардан ва фаҳмондани муносибатҳои неку дўстона бояд аз боғчаву мактабҳои ҳар се кишвар оғоз гардад. Он гоҳ фарзандон дарк хоҳанд кард, ки халқҳои тоҷик, ўзбек ва қирғиз аз қадим бо ҳам дўсту бародаранд ва онҳо давомдиҳандагони ин анъанаи нек мебошанд.

Дарвоқеъ, олимон ба ҳалли мушкилот ва имкониятҳои сайёҳии ноҳия низ диққат карданд. Бино ба шарҳу тавзеҳи онҳо дар ин ҷо зиёратгоҳ ва қадамҷойҳои муқаддас бисёранд. Туризми экологӣ низ як навъи соҳаи сайёҳӣ буда, Сўх барои рушди он имкониятҳо дорад.

Ба гуфтаи иштирокдорони чорабинӣ ҳоло ба мақсади амиқтар омўхтани таърихи ин воҳаи бостонӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ корҳои назаррас анҷом меёбанд.

Дар ҷараёни конфронс эълом шуд, ки маҷмўаи мақолаҳои илмии олимони кишварҳои бародар дар бораи таърих ва иқтидори сайёҳии ноҳияи Сўх аз ҷониби Академияи фанҳои Тўрон таҳти унвони «Сўх дар остонаи ренессанси сеюм» нашр хоҳад шуд.

**Ҷаҳонгир СОБИРОВ,**
ноҳияи Сўх.



*Бо ташаббуси роҳбари ҶММ «Асали замини Бағдод»-и ноҳияи Бағдоди вилояти Фарғона, соҳибкор Абдувоҳид Убайдуллоев дар маҳаллаи Олчин дар давоми як моҳ маркази нав сохта ба истифода супурда шуд, ки дар ин ҷо беш аз 30 намуди маҳсулоти тоза ва табиии асал, инчунин, ҷиҳоз ва ускунаҳои барои парвариши занбўри асал зарурӣро дидан мумкин. Ба лоиҳаи мазкур беш аз 250 миллион сўм маблағ сарф гардид. Акнун аҳолии маҳаллаҳои Олчин ва Чекхитой, ки асосан аз асалпарварӣ даромад мегиранд ва бағдодиҳое, ки ба парвариши занбўри асал шавқманд ҳастанд, метавонанд аз ин марказ маслиҳати муфид ва кўмаки амалӣ гиранд.*

***Дар сурат:*** *маркази занбўриасалпарварии Бағдод.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ҚУЛЛАҲОИ УМР

***«Ҳар дам ғанимат аст, одам ғанимат аст», гуфтани шоир беҳуда нест. Замони мактабхонии мо иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон хеле бисёр буданд. Онҳо «гули сари сабад»-и воҳўриҳо ва аз қадамашон файзи таълимгоҳ меафзуд. Эшон «таърихи зинда»-и давру замон буданду ҳастанд.***

Мутаассифона, имрўзҳо шумораашон кам шудааст. Шукр, ки дар Бухоро баъзе иштирокдорони чанг ҳанўз дар қайди ҳаётанд. Аҳмад Муҳсинови 102-сола яке аз онҳост. Ба воситаи кумаки садорати корҳои мудофиаи вилоят рақами телефони писари вай – Аброр Муҳсинов дастрасамон гардид. Азбаски вазъи саломатӣ, заифии хотира садди роҳи мулоқоти табъи дили мо гашта буд, ба гирифтани маълумоти зарурӣ дар бораи падараш ба мо – Аброрҷони ширинсухан мададгор шуд. Вақте ки намояндаи рўзномаи «Овози тоҷик» будани моро донист, «Падарам ҳам тоҷик, дар шиносномаашон миллаташон тоҷик навишта шудааст» гуфт вай.

Хонадони Аҳмад Муҳсинов ба сулолаи хоҷагони Бухоро дахл дошта, падару бобояш бо қоригӣ, истеҳсоли коғаз ва мирзогӣ машғул будаанд.

Аҳмад моҳи ноябри соли 1923 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст, вале дар ҳуҷҷатҳо ин сана шашуми майи соли 1924 қайд шудааст. Вай дар кўдакӣ – шашмоҳагӣ аз падар, сонитар аз модар ятим монда тахти парастории апаю аммааш ба воя расид. Мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм карда ба колхози «Охунбобоев»-и ноҳияи Ромитан чун котиб ба кор даромад. Соли 1942 Аҳмадро ба хидмати ҳарбӣ даъват карданд. Баъди тайёрии кўтоҳмуддат ўро ба фронт фиристонданд. Ба А. Муҳсинов лозим омад, ки дар ҷангҳои шадиди Сталинград иштирок кунад. Баъди мағлубияти фашистони хунумонсўз то соли 1947 дар ҷангҳои Куриёи Шимолӣ ва Ҷопон низ иштирок намуд. Сипас ба зодгоҳ баргашт ва ба нашриёти «Бухоро ҳақиқати» ба кор даромад. Дар як вақт дар факултети таърихи Донишкадаи давлатии педагогии Бухоро (ДДБ-и имрўза) таҳсили ғоибона гирифт. Баъди хатми таҳсил фаъолияташро дар мактаби миёнаи ноҳияи Ромитан (ҳамчун омўзгор) давом дод.

Соли 1957 А. Муҳсиновро роҳбари сензураи нашриёти вилоят таъин карданд.

Ў соли 1963 ҷонишини директори техникуми касбу ҳунари Бухоро, солҳои 1967-1968 роҳбари шуъбаи музейҳои таърихии Садорати мероси мадании вилоят буд.

Аҳмад Муҳсинов аз 22 апрели соли 1969 сар карда фаъолияти меҳнатиашро дар мақомоти корҳои дохилии вилоят идома дод. Ба вай лозим омад, ки то нафақа – (25 августи соли 1984) дар вазифаҳои масъулиятнок: инспектори шуъбаи сиёсӣ–тарбиявии садорати корҳои дохилӣ, инспектори калони ҳамин шуъба, сардори комендатураи махсуси дуюми шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи «Тўқимачӣ»-и шаҳри Бухоро… кор кунад.



Собиқадори Ҷанги дуюми ҷаҳон ва мақомоти корҳои дохилӣ, майори милитсия Аҳмад Муҳсинов барои хидматҳои арзандааш бо ордени «Ҷанги Бузурги Ватанӣ», медали «Ғалаба аз болои Ҷопон» (1946), медали «Ғалаба аз болои Германия» – солҳои 1941-1945», нишонҳои «Хидмати бенуқсон дар Вазорати корҳои дохилӣ» (10-сол, 15-сол, 20-сол), нишонҳои хотиравии «Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон», нишони «Собиқадори меҳнат» (соли-1984), медали «Ҷасорат» аз номи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон (соли-1994), нишонҳои хотиравӣ аз номи Президенти Русия ба муносибати 50, 60, 65, 70, 75-солагии Ғалаба, нишони хотиравии 30-солагии Истиқлоли Ўзбекистон, нишони «Корманди фахрии мақомоти корҳои дохилӣ (соли 2024)» ва ғайра сарфароз гардонда шудааст.

Вай падари ҳафт фарзанд буда, ҳоло бо писараш Аброр дар хонаи 9-уми кўчаи «Чашмаи Айюб»-и шаҳри Бухоро сарбаландона умр ба сар мебарад. Пири бадавлат, бобои Аҳмад дар халқаи фарзандони солеҳ, набера, абера, чабераҳои ширу шаккар шоду масрур аст. Ў шукргузорӣ мекунад, ки рўзгори пурнишоти осоишта, дўстию ҳаммаслакии халқҳо дар диёри мо ба иқтидори бузурги пешбаранда табдил ёфта, қадру қимати инсон болотар мегардад. Барои ҷавонони соҳибиқтидори имрўза роҳи рушду комёбӣ, фатҳи қуллаҳои илму камолот боз шудааст. Хуллас, диёре, ки манфиатҳои мардум мароми ўст, ҳаргиз дар намемонад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Таърихи диёрро меомўзем*

# ЗАРХОНА Ё ЗОХОНА?

Деҳаи хурде, ки ман мехоҳам дар бораи таърих ва номи баҳсангези он сухан гўям, Зархона (Зохона – дар шеваи мардум) ном дошта, дар ноҳияи Сариосиё дар ҳудуди собиқ ҷамоаи Йўлдош Охунбобоев ҳоло маҳаллаи «Себзор»-и аз маркази ноҳия тахминан 20-25 километр дур дар байни кўҳсорони «Дараи Ниҳон» ҷойгир шудааст.

Биёед, нахуст калимаи Зархона ёки Зохонаро шарҳу эзоҳ диҳем. Кадоме дуруст аст: Зархона ё Зохона? Мо бо олими фанни таърих, бостоншинос, археолог, доктори илмҳои фалсафа оид ба таърих, дотсенти кафедраи Археологияи Донишгоҳи давлатии Тирмиз Одил Ҳамидов саҳифаҳои таърихро варақ задем, ашёҳо ва ҷойҳои қадимии деҳаро аз наздик омўхтем, бо мардуми куҳансоли деҳа устодон Хайрулло Умаров, Муҳаммадҷон Раҷабов, Абдумаҷид Мирзоалиев, Ҳоҷӣ Муҳаммадӣ Шоҳмуродзода, Абдулфайз Иззатуллоев, Маҳмадмурод Мирзоев ва дигарон ҳамсуҳбат шудем. Аммо пиромуни Зохона ёки Зоғхона ягон маълумоти дақиқи илмиву хаттие пайдо накардем.

Ман хурдсол будам, падарам Худо раҳмат кунад, нақл мекарданд, ки бинобар нақли мардуми Зархона асрҳои XIII-XIV аслан аз маҳаллаи Даҳбеди Самарқанд аз зулми муғулҳо гурехта ба ин ҷо омадаанд. Онҳо се акаю додар буда, яке ба деҳаи Хуфар, дуюмӣ ба деҳаи Ғорут ва сеюмӣ ба деҳаи Зархона муқимӣ мегарданд.

Аз саҳифаҳои сиёҳи таърих маълум аст, ки солҳои сиюми асри гузашта дар замони Шўравӣ аз хонае китоби бо алифбои арабиасос навишташуда пайдо шавад, мисли Қуръони карим, Чаҳоркитоб, Ҳафтяк ва ғайра соҳиби онро бо номи мулло «қулоқ» ё душмани халқ эълон намуда, чизу чора ва хонаашро ба ҳисоби давлат гузаронида, худашро ба Сибир бадарға мекарданд. Мардум аз тарс чунин китобҳоро дар ғорҳо пинҳон кардаанд, дар оташ сўзондаанд ёки ба дарё партофтаанд. Аз ин сабаб мо дар бораи таърихи пайдоиши деҳа, миқдори аҳолӣ, тарзи зиндагӣ, мактаб ва шуғли ҳамонвақтаи мардуми он ягон маълумоти хаттӣ пайдо карда натавонистем.

Агар ба мазмуни вожаи «Зархона» эътибор диҳем, (ман дар ҳамин ҷо таваллуд шуда ба воя расидаам) дар деҳа, ё ки дар атрофи он ягон ҷой, маҳал ё ҳудудеро, ки бо калимаҳои зов, зоғ, ёки зоғон вобаста бошанд, намедонем, дар ёд надорем. Пас маълум мешавад, ки вожаи Зархона тўли садсолаҳо бинобар талаффузи мардум ба Зохона табдил ёфтааст. Чунон ки «Денов» шакли вайроншудаи калимаи «Деҳнав» асту, «Намангон» шакли тағйирхўрдаи вожаи «Намаккон» ва «Ангрен» шакли русишудаи калимаи «Оҳангарон» мебошад. Айнан чунин Зохона низ шакли ихчам ва вайроншудаи Зархона дар шеваи мардум аст.

Сониян, зоғ паррандаест, ки манзили муқимӣ надорад. Вай дар фаслҳои сол муҳити зисти худро дигар мекунад ва ба деҳаву мардуми мо ҳеҷ иртиботе надорад.

Бино ба маълумотҳои таърихии ба дастомада, деҳаи Зархона таърихи наздик ба 550-600-сола дорад. Аҳли Зархона асосан бо боғпарварӣ, асалпарварӣ, чорводорӣ, деҳқонӣ ва ҳунармандӣ машғул буда, дар ин соҳаҳо таҷрибаи ғанӣ доранд.

Номи деҳа ба табиат ва номи мавзеъҳое, ки дар атрофи он ҷойгиранд, вобаста аст.

Дар тарафи ғарбии вай манзиле бо номи «Зорзанго» мавҷуд мебошад, ки шакли тағйирхўрдаи Зарсангҳо – яъне сангҳои зармонанд, сурхмонанд аст. Умуман табиати он ҷо сурхранг буда, заминҳои он ба Зархона дахл дорад. Ин мавзеъ пистазор аст. Аз ҳар дарахташ мо то 15-20 кило пистаи пўсташ сурх мечидем. Дар ҷониби соябари он дарахтони мурўт (нигат ҳам мегўянд) ҳастанд, ки меваи он низ сурхранг буда, хеле ширин ва болаззат мебошад.

Дар шимолу шарқии деҳа ҷойе бо номи Зархок ҳам ҳаст. Хоку рег, ҳатто гиёҳу дарахтони ин ҳудуд низ сурхранг мебошанд.

Бо ин далелҳо мо метавонем хулоса кунем, ки номи аслии ин деҳа Зархона буда, бо гузашти айём дар шеваи мардум ба Зохона бадал шудааст ва як муддати кўтоҳ дар ҳуҷҷатҳо ҳам Зохона навиштанд. Аз ин лиҳоз минбаъд дар ҳуҷҷатҳои шахсӣ ва ҳуқуқӣ номи деҳа бояд ҳатман Зархона сабт шавад.

**А.САМИЕВ,**
**дотсенти кафедраи**
**педагогикаи иҷтимоии**
**Донишгоҳи давлатии**
**Тирмиз.**
**О.ҲАМИДОВ,**
**дотсенти кафедраи**
**археологияи Донишгоҳи**
**давлатии Тирмиз.**



*Соҳибкор Умеда Қурбонова якуним сол қабл аз ин дар бинои бекорхобидаи Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Дўстлик»-и шаҳри Қувасойи вилояти Фарғона ба фаъолият оғоз карда буд. Дар ин фурсати кутоҳ панҷ ҷойи кории доимӣ ташкил карда, савдои бештар аз 50 навъ ширинӣ ва маҳсулоти нимтайёри қаннодиро ба роҳ монд. Ҳамин тариқ, маҳсулоти хўроквории рўзмарраи омодакардаи ин ҷо то вилоят, ҳатто то пойтахт расонда дода мешавад. Айни замон дар 5 бинои ҶШМ-и шаҳр филиалҳо ташкил намуда, курсҳои таълимии кутоҳмуддат барои бонувонро низ ба роҳ гузошт. Дар ин гуна курсҳо наздик 50 нафар занону духтарон таълим гирифта, оиди тайёр кардани ширинӣ ва пазандагӣ малака ҳосил карданд.*

*– Ба шириниҳоямон беҳуда «Дунёи ба худ хос» ном наниҳодаем, – мегўяд соҳибкор Умеда Қурбонова. – Мақсади асосии мо ба оилаҳо хурсандӣ бахшидан, дар рўзҳои хотирмони онҳо ҳамнафас будан аст. Имрўзҳо сохтмони бинои сеошёна дар арафаи анҷомёбист. Ба нақша гирифтаем, ки дар таҳхонаи бино сехи ширинӣ, дар қабатҳои болоӣ дукони савдо ва нуқтаҳои хўрокхўриро ҷойгир созем.*

***Дар сурат:** корхонаи соҳибкор **Умеда Қурбонова** воқеъ дар ҶШМ-и «Дўстлик»-и шаҳри Қувасой.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ЧАРО КЎДАКОНИ МО ДАШНОМ МЕДИҲАНД?

***ё мурочиат ба падару модароне, ки нисбати тарбияи фарзанд эҳсоси масъулият намекунанд***

Фарзанд новобаста аз синну сол, вазифа ва ҳатто мақому мартабаи худ, таъсири падару модарро эҳсос мекунад. Сухани волидон барои ў роҳнамо ва намуна мегардад. Аммо имрўз як нохушӣ, ки рўз аз рўз доман паҳн мекунад, маро сахт нигарон кардааст: забону муомилаи байни кўдакон ва ҷавонони мо. Онҳо чунон сухан мегўянд, ки гўё бе дашному ҳақорат суҳбат маънӣ надошта бошад! Ҳангоми бозӣ, суҳбат, гардиш дар кўча ё мактаб ва ғайра бо ҳам ба забони ноҳамвор муомила мекунанд. Ҳақоратҳои онҳоро шунида, кас шарм медорад. Бадтарин чиз он аст, ки бештар аз ҳама ҳақорат ба номи модар равона шудаанд, ки шири сафед додааст ва аллаҳо гуфтааст.

Ин як воқеияти талх аст, ки набояд аз он чашм пўшид. Чаро фарзандони мо чунинибораҳоро истифода мебаранд? Магар мо – волидон инро намебинем ё намешунавем? Оё масъулияти тарбияи кўдакону ҷавононро падару модарон низ бар дўш надоранд?

Набояд фаромўш кунем, ки фарзандони мо насли бузургон, мисли Имом Бухорӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва Мавлоно Ҷомии бузург ҳастанд. Мо ворисони фарҳангу адабиёти бой ва ахлоқи воло мебошем. Пас, чӣ тавр метавонем бигузорем, ки фарзандонамон якдигарро бо суханони қабеҳ, ки инсонро шармсор мекунад, муносибат кунанд?!

Фарзанд – оинаи ахлоқи падару модар. Мо бояд як чизро хуб дарк кунем: фарзандон тарбияро аз оила мегиранд. Агар кўдак ҳақорат кунад, пас шояд ў инро аз муҳити хонавода, аз калонсолон, аз телевизион ва ё ҳатто аз телефон ёд гирифтааст. Ҳар сухан ва рафтори мо ба шуури кўдак таъсир мерасонад.

Дар ин бора Мавлоно Румӣ чӣ зебо фармудааст:

*Одамизода агар беадаб аст, одам нест,*
*Фарқ мобайни бани одаму ҳайвон*
*адаб аст.*

Агар мо хоҳем, ки фарзандони боодоб ва солеҳ ба воя расонем, бояд худ намунаи ибрат бошем. Чи тавре ки муҳаққиқон мегўянд, «Фарзандони мо ҳамон тавре рафтор мекунанд, ки моро дида меомўзанд, на он тавре ки ба онҳо мегўем».

Агар фарзанди мо беадаб ва дашномдиҳанда бошад, пеш аз ҳама, ин гуноҳи мо – волидон аст! Нисбати чунин ҳол бетафовут будан ҳаргиз мумкин нест! Тарбия на танҳо дар хона, балки дар кўча ва мактаб низ идома меёбад. Мо фарзанди худро дар хона тарбия мекунем ва берун аз он набояд бепарво бошем. Зарур аст, ки мо рафтори фарзандро дар кўча, майдончаҳои варзишӣ, байни рафиқонаш, ҳатто муносибат бо дигарон бояд таҳти назорат гирем ва бо дўстони ў ошно шавем, то бидонем, ки бо кӣ ҳамнишин аст.

Ба фарзанд бифаҳмонем, ки ҳар сухан таъсир дорад. Онҳо бояд дарк намоянд, ки сухан метавонад дилро шиканад ва ҳаёти касеро талху шўр созад. Барои ин бояд ба баъзе чизҳо мисли телефон, телевизион маҳдудият гузорем.

Ба ҷойи хулоса мешавад қайд намуд, ки агар фарзанди мо дашном медиҳад, пас ин танҳо айби ў нест, дар тарбия камбудии мо низ ҳаст. Агар имрўз ислоҳ накунем, фардо дер хоҳад шуд. Пас, бигзор ҳар кадоми мо тарбияро аз худ сар кунем, то ки фарзандон аз муҳити созгор баҳраманд бошанд ва поку солим ба воя расанд!

**Сарфарози САДРИДДИН,**
**омўзгор.**

*Ноҳияи СЎХ.*

*Санҷиши қалам*

# НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН

*(Ҳикоя)*

Субҳ дамид. Офтоб бо табассум аз паси шонаҳои кўҳ рух намуд. Тоҳири чўпонро садои ногаҳоние бедор кард. Вай ҳавли ҷон аз ҷояш хеста, аввал ба самти қўра рафт. Бузу гўсфандон ором мехобиданд. Бо дидани соҳибашон беқарор шуданд. Тоҳир ҳама ҷоро амн ёфта, ба хаймаи чўпониаш баргашт. Ҷойгаҳи хобашро ғундошт. Вай дар тараддуди оташ афрўхтан шуд. Гўгирдро пайдо кард ва як бандча ҳезуми хушк дар даст ба сари оташдон рафт. Оташ гиронд ва якчанд ҳезуми тарнаморо низ ба болояш партофт. Чойники пур аз обро ба оташдон гузошт. Оби чойник ҷўшид. Ў барои дам кардани чой аз даруни хайма дар даст чойники дигаре берун омад. Миқдоре чойи хушк андохт. Оби ҷўшидаро аз болояш рехтанӣ буд, ки ногоҳ чанд қатра ба дасташ чакид. Дасти Тоҳир сўзиш кард ва аз ин дард қариб буд, гиря кунад. Тоҳир чӣ кор карданашро надонист. Бо як азобу машаққат боқимондаи обро чой дам кард. Як-ду пиёла чойро нўшид, аммо аз сабаби сўзиши даст, нон аз гулўяш намегузашт. Фикри «акнун чӣ тавр рамаро нигоҳубин мекунам» азоби вайро зиёд кард. Ногоҳ сагаш – Хайбар аккосзанон ба як тараф тохт. Тоҳир зуд аз хайма баромад ва дид, ки ду каси харсавор аз самти деҳа меоянд. Дарҳол ба пешвози онҳо шитофт ва Хайбарро ором сохт. Меҳмононро зуд шинохт. Бобои Ориф ва набераащ оҳиста ба сўйи ў меомаданд. Бобои Ориф як сол пеш зиёдтар аз бист гўсфанди худро ба Тоҳири чўпон дода буд.

– Акнун ҷавон нестам ман, шояд ба ягон рўзам даркор шаванд, – гуфта буд маънидор мўйсафед. Вай дар ивази заҳматҳои Тоҳир ҳар моҳ маблағе медод. Тоҳир фикр кард, ки мўйсафеди баор аз ҳамон қадар роҳи дур барои супоридани ҳаққи чўпон омадааст. Аммо иштибоҳ карда буд. Бобои Ориф дасти латтапечи Тоҳирро дида, таассуф кард ва чанд сухан барои дилбардорӣ ҳам гуфт. Тоҳир миннатдор шуд ва аз бобои Ориф пурсид:

– Чаро саҳари барвақт омадед? Магар ҳодисае рўй дод?

Бобои Ориф гуфт:

– Дирўз бегоҳӣ Аминбойи ҳамдеҳаамон аз олам гузашт. Ман аз вай қарз дорам. Албатта, имом вақти ҷаноза мепурсад, ки майит аз кӣ қарздор аст, ё кӣ аз ў қарзе дорад. Ин лаҳза хомўш нишинӣ, хуб нест, – каме сурх шуд бобои Ориф. – Бигузор бе дилкашолӣ ба манзили охираташ равад. Ҳоло меходам, ки шашто гўсфандамро барам ва то вақти ҷаноза фурўхта, қарзҳоямро баробар кунам. Медонед, ҳозир барои гузаронидани маъракаҳо пули бисёр лозим. Ҳарчанд исрофро макрўҳ медонанд, боз мардуми мо аз пайи хурофот меравбанд.

– Рост гуфтед, бобо. Мардуми мо одатҳои номатлуб доранд. Ба харидани як китоб дилашон намешавад, аммо рўзи дафн даҳ гўсфанд мекушанд. Ё ҳамон гўсфандро дар зиндаҳолӣ куштаву намехўранд, аммо чун ба дори фано рафтанд, ҳатман аз барои худнамоӣ худоӣ мекунанд… Ин нағз не.

– Кош, ин одатҳои бад гум мешуданд.

– Мешаванд, агар ақлу донишамонро ба кор барем, аз гуфтаҳои динамон набароем.

– Рост, – гуфт дар ҷавоб бобои Ориф ва ба набераащ фармуд, ки гўсфандони даркориро ҷудо кунад.

Пас аз ин гап онҳо шашто гўсфандро шинохта, аз рама ҷудо карда бароварданд. Тоҳир ба бобои Ориф гуфт:

– Агар ба деҳа равед, додарам Ёқубро гўед, ки зуд ба инҷо ояд. Ман ба хона рафта, дастамро табобат мекунам. Дар шароити дашт газак гирад, азобам дучандон мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# ОФАРАНДАИ ОБРАЗҲОИ ХОТИРНИШИН

Санъати театр яке аз он ҳунарҳои асилест, ки дар ташаккули маънавияти мардум нақши намоёне дорад. Зеро, маҳз дар саҳнаи театр фалсафаи рўзгори инсон ба таври рўҳбахшу зинда, бо воситаи образҳои бадеӣ таҷассум меёбад. Театр воситаи асосии тарбияи эстетикии шахсият аст, ки дар он афкори эстетикӣ ва тафаккуру ҷаҳонбинӣ муҷассам аст.

Театри тоҷик низ аз ҷумлаи санъатҳоест, ки роҳи ноҳамвори ҷараёни эҷодиро тай намуда, имрўз соҳиби дастовардҳои назарраси эҷодӣ гардидааст. Таърих гувоҳ аст, ки дар ривоҷи санъати театри тоҷик саҳми фарзандони ҳунарманди Самарқанди бостонӣ арзанда аст.

Ба ташаббус ва ҳидояти аввалин таҳиягари театри тоҷик Ҳомид Маҳмудов аз дастаҳои беҳтарини ҳунарии шаҳрҳои тоҷикнишини Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Самарқанд, ҷавонони соҳибистеъдоде дар Тоҷикистон муттаҳид гардиданд ва бо ҳунару истеъдоди худ дар рушди театри тоҷик саҳми босазо гузоштанд. Аз байни онҳо фаъолияти ҳунарии Муҳаммадҷон Халилов, Аъзам Камолов, Аҳад Сулаймонов, Наим Ғиёсов, Лутфӣ Кабирова, Ҳоҷӣ Аҳмадов, Офтобхон Исомова, Бурҳон Тўраев, Мирбобо ва Оқил Зиёевҳо саҳифаи дурахшоне дар театри тоҷик мебошанд.

Сарчашмаҳои анъанавии санъати мардуми тоҷик, ки дар Самарқанду Бухоро хеле устувор ва қавӣ буд, бо дурахши миллӣ, ҷаззобияти хосае дар ҳунари ин эҷодкорон зоҳир мегардид. Минбаъд, анъанаҳои эҷодии ин ҳунармандон дар офаринишини насли нави актёрон – Шамсӣ Қиёмов, Бурҳон Раҷабов ва Намоз Ойматов идомаи худро ёфтанд.

Шодравон Намоз Ойматов офарандаи нақшҳои ҷолиб дар саҳнаи театри тоҷик, яке аз он эҷодкоронест, ки маҳорати ҳунарии ба худ хос дошт ва як силсила нақшҳои нотакрорро дар саҳнаи театр офарид. Ин нақшҳо гувоҳи маҳорати баланди санъаткор мебошанд, ки бо камоли заҳматписандӣ ва тафсири тоза қобили таваҷҷўҳ мебошанд.

Ў Донишкадаи санъати театрии Тошкандро бомуваффақият хатм намуда, фаъолияти эҷодии худро дар саҳнаи Театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ оғоз намудааст ва то охирин лаҳзаҳои зиндагӣ дар ин боргоҳи ҳунар теъдоди зиёди нақшҳои барҷастаро иҷро намудааст.

Аввалин офаридаҳои ў образҳои Силвио аз «Хидматгори ду хоҷа»-и Голдони, Азим аз «Ҳуррият»-и Ғанӣ Абдулло, Қудратбой аз «Дохунда»-и устод Садриддин Айнӣ мебошанд. Ҳанўз аз иҷрои ҳамин нақшҳо аён буд, ки дар театри тоҷик ҳунарманде бо сабку услуби хоса арзи ҳастӣ мекунад.

Равияи романтикӣ, ки дар офариниши нақшҳои номбурда ба назар мерасид, минбаъд бо тобишҳои амиқи психологӣ сайқал ёфтаанд. Ба ин маънӣ, образи Наврўз аз драмаи «Беватан»-и Султон Сафаров зуҳуроти тозае дар театри тоҷик мебошад. Зеро дар асари мазкур актёр симои образи хешро тавре равшан намудааст, ки ҷаҳолати қаҳрамонаш қабл аз ҳама нишонаи падидаи ҷамъият мебошад, он хислати модарзодии Наврўз нест. Аз ин рў, дар нигориши ҳунарпеша образи Наврўз ҷанбаи пурқуввати иҷтимоӣ касб намудааст.

Нақши Аланхон низ аз драмаи «Фарёди ишқ»-и Ғанӣ Абдулло яке аз бозёфтҳои эҷодии Намоз Ойматов мебошад. Санъаткор дар ин образ симои шахси содадилу зудбовареро меофарад, ки бехабар аз дасисаҳои Малик Кофур бозичаи дасти ў шудааст. Маҳз бо иғвои Малик Кофур Аланхон – Намоз Ойматов ба ғазаби Султон Алоуддин гирифтор мешавад. Яъне эҳсоси ҷоҳталабӣ аз аввал хоси қаҳрамони Намоз Ойматов набуд, балки маҳз бо ҳидояти Малик Кофур пайдо шуд, ки он оқибат боиси ҳалокати вай гардид. Аз ин ҷиҳат образи Аланхон тобиши қавии фоҷиавӣ пайдо кардааст.

**(Давомаш дар саҳ.4).**




# ДОНИШ – ЧАРОҒИ ДИЛ

Аз ба дунё омадани Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ беш аз ёздаҳ сада гузаштааст. Ӯ 83 сол умр дид ва тавонист бо сухани мондагораш номашро ҷовидонӣ гардонад. Мо аз сухани ҷовидон сабзи ӯ набзашро эҳсос мекунем, пас ӯ байни мардуми мо зиндаву ҷовид аст.

Пайдост, ки бештари осори Рӯдакӣ то замони мо омада нарасидаанд, лекин ҳамон ашъори ками то ба мо расида, басо зебову дилнишин буда, бо забони содаи тоҷикӣ суруда шудаанд. Масалан, байти машҳури ӯро бигирем, ки ин аст:

*Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.*

Ин байтро ҳамаи форсизабонон мефаҳманд, ба дигар забонҳо низ тарҷума шудааст. Ашъори Рӯдакӣ, дар баробари осонфаҳм буданашон, пурмаъно ҳастанд. Аз ҳар байти шоир маънои латиферо дарёфтан мумкин аст. Ин ҷо чанд байти Устод Рудакиро бо шарҳи мухтасар пешкаши шумо гардонданием:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон,*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд.*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

***

*«То ҷаҳон буд аз сари Одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз».*

Аз замони Одам (дуруд ба ӯ) — инсони нахустин дар рӯйи Замин то ба рӯзе, ки ҷаҳон вуҷуд дорад, бани башар аз дониш бениёз набуд. Инсон аз ҷисму рӯҳ ташкил ёфтааст. Он гуна, ки ҷисм муҳтоҷ ба обу ғизост, рӯҳ низ ба дониш ба он андоза эҳтиёҷ дорад.

*«Мардумони бихрад андар ҳар замон.*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон».*

Мардумони бохирад (боақл) дар ҳар давру замон донишро ба ҳар гуна забон:

*«Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд».*

Яъне, ҷамъоварӣ намуда, барои аз ёдҳо нарафтан, ба рӯйи сангҳо навиштанд. Ва ба ин васила ғизои маънавӣ аз насл ба насл интиқол дода шуд.

*«Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст».*

Дониш чун чароғ аст, ки ба дили инсон равшанӣ медиҳад, яъне агар дониш набошад, дили кас зулматсаро мегардад. Дониш мисли ҷавшан (зиреҳ – либоси ҷангии қадима, ки аз пораҳои оҳан ба ҳам омадааст ва сабаби нигоҳ доштани инсон аз бадиҳост).

Ашъори панду насиҳатии Рӯдакӣ кам нест. Дар ин ҷо бо овардани як мисол қаноат ҳосил намудем. Пандҳои Одамушшуаро ганҷинаи бебаҳоро мемонанд, ки калиди ин ганҷина мутолиа аст.

**Фаридун АСЛОНОВ,**
**донишҷӯйи курси чаҳоруми**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ.**

Нормурод КАРИМЗОДА

## ДИЛНОМАИ ДӮСТӢ

*Маҳфили дидори дӯст оростем,*
*Суҳбати меҳрофарин мехостем.*
*Ҷамъ карда гавҳари сидқу вафо,*
*Баҳравар гаштем аз базми зиё.*
*Васли дилҳо шуд муҳайё аз дигар,*
*Мавҷи гулҳо кард ғамро дуртар.*
*Ёд кардем аз ҷавонӣончунон,*
*Ишқу имон ҷовидон дар мағзи ҷон.*
*Зиндагӣ бо бешу кам ибратпазир,*
*Хоксорӣ зевари барнову пир.*
*Солҳои ёдмон бигзашт, рафт,*
*Умри ширин бодсон бигзашт, рафт.*
*Дӯстӣ аз худ ҷаҳоне монд, монд,*
*Ёддошти бехазоне монд, монд.*
*Зинда бод азму қарори дӯстӣ,*
*Файзу шавқи обшори дӯстӣ.*
*Солхӯрда мӯйсафедам дар ҳаёт,*
*Дар фазои дӯстиям босубот.*
*Ҳамсадои асру давронем мо,*
*Ҳамтабори аҳду паймонем мо.*
*Хонадон бо ҳастии мо устувор,*
*Насли нав бо панди доно пойдор!*
*Дар Ватан хушбахт пирони замон,*
*Дар бари фарзандҳои комрон.*
*Шукри ин даврони хуррам мекунем,*
*Гоҳ-гаҳ дилро дур аз ғам мекунем.*
*Он ки рафт аз ин ҷаҳон, дар ёд бод,*
*Хокҷояш сабзу рӯҳаш шод бод.*
*Беҳтарин неъмат варо бошад дуо,*
*Ки дуои хайр – ганҷи бебаҳо!*

## ЗАБОНИ МОДАРИИ МАН

*Забони ман – забони ширадорам,*
*Ба ҷуз ту ҳеч доруӣ надорам.*

*Ба сони ангубин дору-шифоӣ,*
*Даво бар рӯҳу ҷонам аз ту орам.*

*Набигзорам, ки зору хор гардӣ,*
*Ба посат ҷону дилро месупорам.*

*Зи алтофи латифат бесуроға,*
*Зи ҳар гӯша биёбам ҳамтаборам.*

*Бубинам ҳар куҷое тоҷикеро,*
*Ба лафзи қудсиаш сар мефарорам.*

*Суханҳо фозилон бо ту бигуфтанд,*
*Чӣ сон пас ман туро олуда дорам?!*

*Ба ин ганҷи маонӣ бад нагӯед,*
*Ки вазнаш кардааст овозадорам.*

*Гаҳе аз хорият дил мешавад реш,*
*Зи гумкардазабонҳо гила дорам.*

*Намедонанд қадру қимататро,*
*Аё, эй ганҷ – ганҷи шоҳворам.*

*Забони модариям – ифтихорам,*
*Зи шаҳдат лаззати поянда дорам.*

## З-ОЛАМИ РӮЪЁ БИЁ...

*Ахтаре андар шаби торат шавам,*
*Дар шаби торик шарорат шавам.*

*Нест чароғон дилату хонаат,*
*Шамъи дурахшон ба канорат шавам.*

*Гӯиям: «Армон шуда васлат маро»,*
*Шуъла ба чашмони хуморат шавам.*

*Кош, шавам мурғаки илҳоми ту,*
*Нағмасарое ба баҳорат шавам.*

*Дидаи ту хоб надорад агар,*
*То ба саҳар савти ҳазорат шавам.*

*Гар дили ту сард зи дунё шавад,*
*Сӯхта дар хеш, шарорат шавам.*

*Бе ман агар тира шавад рӯзи ту,*
*Рӯзу шаб андар сари корат шавам.*

*З-олами рӯъёӣ биё пеши ман,*
*Лутф кунам, сарви канорат шавам.*

***Лутфияи БУХОРОӢ.***

Ёддошт

# БА ВАЪДА ВАФО КАРД

Рӯзгоре суруди «Ӯхшайдику»-и ҳунарпеша Таваккал Қодиров машҳур шуда буду бисёр ҷавонон онро замзама мекарданд.

Як рӯзи зимистон хабар расид, ки ҳамдеҳамон акои Ғанихон ба тӯяш ҳунарпешаро даъват намудааст. Шунида будем, ки овозхон дар шаҳри Фарғона будубош дорад. Аз Фарғона то Чодак хеле роҳ аст.

Зимистон, хунук, бегоҳӣ барф меборид. Ба ҷойи даъватшуда, ки дар ҳамвории доманакӯҳ буд, хурду калон роҳ пеш гирифтем. Он вақтҳо ба деҳа хати барқ накашида буданд. Ҳама ба сӯйи гулхани фурӯзон мешитобиданд, дар атрофи оташ чашм ба роҳи ҳунарпеша буданд. Вақт мегузашту шаб ториктар мегардид. Вале аз овозхон дарак набуд.

Шаб нисф шуд. Ин вақт аз дур рӯшноии чароғи мошин ба чашм афтод. Дар дили ҷамъомадагон шуълаи умед забона зад.

– Омаданд! – гуфт касе бо овози баланд.

Ҳама хурсанд.

Овозхони номдор Таваккал Қодиров ба ҳозирон салом дода, узромез барфи телпаку палтояшро афшонда консертро сар кард. Ду-се соат сурудҳои гуногун, аз ҷумла, суруди «Ӯхшайдику»-ро бо маҳорат иҷро намуд. Раққоса дар давра рақсид.

Ҳама баъди консерт хурсанд баргаштанд.

Сабаби дермонии онҳоро рӯзи дигар фаҳмидем. Доиранавоз Ҷалолхон Охунов, ки бо ҳунарпеша омада буд, баъд аз консерт ба соҳибтӯй ва ҳозирон чунин гуфтааст:

– Вақте мо Қӯқандро пушти сар гузошта, аз деҳаи Пунгон гузаштем, дар дашт бориши барф авҷ гирифт. Мо ба Таваккал Қодиров таклиф кардем:

– Ҳоло то Чодак масофа кам не. Ҳаворо дида истодаед, роҳ хавфнок, дар дашту биёбон монда азоб мекашем. Беҳтараш, ба ақиб гардем.

Таваккал каме хомӯш монду қатъӣ гуфт:

– Ман ваъда додаам. Санг борад ҳам, меравем. Халқ моро интизор аст. Номам Таваккал, таваккал мекунем. Ин суханони ӯ ба дили мо қувват бахшид.

**Шуҳрат ИНЪОМОВ,**
*ноҳияи Попи вилояти Намангон.*

# НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН

(Аввалаш дар саҳ.3).

Бобои Ориф бо наберааш гӯсфандҳоро пеш андохта, ба самти деҳа рафтанд. Тоҳир рамаро ба ҷаро сар дод. Сӯзиши дасти сӯхтааш азоб медод. Як замон гӯсфандон рамида, як сӯ ҷамъ шуданд. Тоҳир ҳушёр шуд. Саг ҳам беқарор шуда, ғуррос зад. Аз паси санге додараш Ёқуб намудор шуд. Дили Тоҳир ором гирифт ва гуфт:

– Э додар, ҳазлатро бас кун. Охир ҷонам дард дорад.

Ёқуб дар ҷавоб гуфт:

– Ассалому алайкум, акаҷон. Дастатон чӣ хел? Аз ман наранҷед. Ҳазл кардан ба ман одат шудааст. Ин одатро нест карда натавонистам. Зеро мегӯянд: «Тарки одат – амри муҳол!»

Онҳо ин тавр як муддат суҳбат карданд. Тоҳир аз ҳоли ҳамдеҳагон пурсид. Ёқуб гуфт:

– Аз борони дирӯза хонаи Қодир тракторчӣ вайрон шудааст. Тоҳир ғамгин шуд ва фаврӣ аз ҷой хест, то зудтар ба деҳа баргардад. Аз рама ду гӯсфанд ва як буз ҷудо карда, ба роҳ даромад. Албатта, ба мӯйсафед кумак лозим мешавад. Тоҳир бузу гӯсфандҳоро пешандоз карда мерафт. Дар роҳ Ҳайдармерганро дид, ки дар сари китф милтиқи шикорӣ меомад.

– Ҳа, мергани якчашма, куҷо меравӣ? Боз харгӯшҳоро мекушӣ? – норизо пурсид Тоҳир.

Ҳайдар дар ҷавоб гуфт:

– Акаи Тоҳир, ба ту-чӣ? Харгӯшҳоро парронам, аз ту намепурсам. Аз ҳукумат рухсатнома гирифтаам.

Тоҳир гуфт:

– Рухсатномаатро ман чӣ мекунам? Охир харгӯшҳо нест шуда истодаанд. Аммо ту ин чизҳоро нафаҳмида истодаӣ.

Ҳайдар норизо даст афшонду ба роҳи худ рафт.

Тоҳир роҳравон ба худ мегуфт, ки сайёдон беинсофӣ мекунанд. Беҳуда ҷонвараконро несту нобуд месозанд. Аз фардои амали худ намеандешанд.

Тоҳир ба хона расид. Писарҳояш давида омада, ба падар салом доданд. Вай аз одоби хуши фарзандон хушнуд гашт. Онҳо зуд молҳоро ба оғил бурданд. Тоҳир либосҳояшро иваз карда, ба беморхонаи деҳа рафт. Шифокорон дасти вайро бо доруҳо шуставу марҳам молиданд ва бастанд. Шифокорон ба Тоҳир таъин карданд, ки ҷойи захмро эҳтиёт кунад. Тоҳир дар роҳи бозгашт аз беморхона ҳамроҳи Қосими ҳамсояаш ба ҷанозаи бобои Аминбой иштирок кард ва дид, ки бобои Ориф қарзҳояшро ба дасти фарзандони раҳматӣ супорид.

– Дар пеши чашми мардум қарзҳояшро дода, кори хуб кард, – мегуфтанд намозгузорон. – Ба баъзе ҷоҳилон дарси ибрат мегардад.

Тоҳир дар роҳи баргашан аз қабристон Қодирбобои тракторчиро дид ва пас аз салому алейк пурсид:

– Шунидам, ки аз борони сахт ҳавлиатон осеб дидааст.

Қодирбобо гуфт:

– Бале, дар ҳолати вазнин афтодем. Маблағе надорам, ки аз нав обод кунам. Писарам – Баҳодур ҳам ҳолати танг дорад.

Тракторчии мӯйсафед дасти Тоҳирро дида, ғамгин шуд. Тоҳир гуфт:

– Мехостам рафтаву ёрӣ расонам, аммо дасти баҷароҳат дорам.

– Ташвиш накашед, як амал мекунем, – лаб газид мӯйсафед ва сар поин андохт.

– Шумо Баҳодурро хонаи ман фиристонед. Ду гӯсфанду як буз оварда будам. Агар лозим шуд, боз кӯмак мекунам.

Қодир хурсанд шуд ва лаб ба дуо кушод. Аз чашмонаш чанд қатра ашк берун шуд.

– Писарам, раҳмат ба шумо, ки дар рӯзи танг дасти ёрӣ дароз кардед. Давлататон зиёда гардад.

Онҳо ҳар кадом ба роҳи худ рафтанд. Қомати хамгаштаи Қодирбобо гӯё алифвор рост шуда буд ва бардам қадам мениҳод. Аз хурсандӣ пайваста одамони некро дуо мекард.

Тоҳир ҳам хушнуд гашт ва як панди гузаштагон ба ёдаш омада, худро хеле сабук ҳис кард. «Некӣ куну ба дарё андоз...» – гуфт зери лаб ва низ оҳиста ба самти хонааш роҳ пеш гирифт.

**Зафар АМОНОВ,**
**хонандаи мактаби таълими ҳамагонии рақами 10 ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё.**

# ОФАРАНДАИ ОБРАЗҲОИ ХОТИРНИШИН

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар байни силсилаи образҳои офаридаи Намоз Ойматов симои Қозикалон аз драмаи «Алломаи Адҳам ва дигарон» (асари Сотим Улуғзода, таҳияи Маҳмуд Воҳидов) мавқеи муҳим дорад. Қозикалони Намоз Ойматов шахси маҳдудест, ки ҷоҳилии ӯ бо эҳсоси тарсу ҳарос омезиш ёфтааст. Мақсади ӯ аз байн бурдани шогирди Аллома – Абдусалом ва бо ин баҳона тире бар дили Аллома равона сохтан аст. Саҳнае, ки издиҳоми пурмағал ва бенизоми пайравони Қозикалон ҳалқавор Абдусаломро печонида гирифта, ба сураташ санг афканданӣ ҳастанд, воҳимаи Қозикалони Намоз Ойматовро дучанд месозанд. Дар ин саҳна муборизаи адлу ҷаҳл тавассути образҳои Алломаи Адҳам (онро актёри маъруф Ато Муҳаммадҷонов офаридааст) ва Қозикалон хеле муассир анҷом ёфтааст.

Боз як саҳнаи бесухани дигар дар ин намоишнома хеле хотирнишин аст ва ҳеч аз хотир фаромӯш намешавад. (Хушбахтона, ба ман муяссар гардидааст, ки борҳо ин намоишномаи оличанобро тамошо карда, шоҳиди накшофарии ҳунармандонаи устодони саҳна гардам). Қозикалон – Намоз Ойматов яккаву танҳо дар хонаи худ саллаашро оромона ба як сӯ гузошта, аз таги кӯрпа мояи хушбахтии худ – тангаҳояшро баровардa бо ҳарисии том онҳоро мешуморад. Ҳаракатҳои бесаранҷомонаи Қозикалонро дида, тамошобин гумон месозад, ки аз шунида шудани садои пое ҳамин замон дили вай бегумон хоҳад кафид. Актёр образи шахсеро офаридааст, ки сарваташро аз даст додан барояш баробари марг аст.

Маҳорати образофарии ҳунарвар дар образҳое, ки аз драматургияи миллии тоҷик офаридааст, низ назаррас аст. Масалан, ба образи Зарифи юзбошӣ аз мазҳакаи Фазлиддин Муҳаммадиев «Вопасин арӯси амиралмӯъминин» таваҷҷӯҳ месозем. Зоҳиран Зариф шахсест, ки аз ӯ ба қавле «пашшае озор намеёбад». Аммо ин хислат танҳо ниқобест, ки дар зери он симои шахси худбину худхоҳ ва золиме ниҳон аст. Муносибати ӯ бо писарчаи ятими ҳамсоя дараҷаи олии беинсофист ва он бори дигар симои аслии Зарифро равшан месозад.

Тамошобинони сершумор зарофати нотакрори актёр ва самимияти ӯро дар образҳои Эгламур аз «Ду веронӣ»-и Шекспир, Амос Фёдорович аз «Муфаттиш»-и В.Гогол Алёша аз «Худораҳматӣ»-и В.Нушич, Усмонака аз «Захми забон»-и М.Бахтӣ, Атобек аз «Корвони бахт»-и М.Миршакар ва даҳҳо образҳои аҷоиб ҳамеша дар хотир доранд.

Ба андешаи мо сабаби комёбии эҷодии актёр қабл аз ҳама дар он аст, ки ӯ пайваста ҷустуҷӯ мекард, мутолиа менамуд ва ҳамеша дар назди тамошобин масъулияти бузургеро эҳсос мекард. Ҳангоме ки мо дафтари андешаҳои ӯро варақ мезанем, шоҳиди он мегардем, ки ҳунарманд шефтаи назми воло – офаридаҳои нотакрори Хайёму Ҳофиз, Румӣ, Соибу Бедил, Ҳилолӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва дигар шоирони маъруф будааст. Ҳамчунин панду ҳикмат, андарзҳои фалсафӣ дар дафтарҳои ӯ бо камоли меҳру муҳаббат гирд оварда шудаанд.

Ҳунармандони шинохта – дӯстони азиз Намоз Ойматовро чун инсони хоксору меҳрбон, масъулиятшиносу олиҳиммат бо эҳтиром ёдовар мешаванд. Бахусус, ҳунарманди номӣ шодравон Бурҳон Раҷабов, ки солиёни зиёде бо ҳамроҳии ӯ дар саҳнаи театри тоҷик нақшҳо иҷро намудааст, ҳамеша хислатҳои наҷиби инсонии ӯро ба мисли садоқат ба ҳунар, самимият ва зарофат ба хотир меовард.

Санъаткор меҳри хосае нисбати мардуми Самарқанд дошт ва ҳамеша орзуи



***Дар акс:** лаҳзае аз спектакли «Алломаи Адҳам ва дигарон». Дар нақши Адҳам – (аз рост) **Ато Муҳаммадҷонов**, қозикалон – (аз чап) **Намоз Ойматов**.*

дар назди онҳо ҳунарнамоӣ карданро дар дил мепарварид. Ҳангоми сафари ҳунарии театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ дар Самарқанд, ки он сентябри соли 1990 сурат гирифтааст, ӯ дар мусоҳиба бо хабарнигор Хурсанд Ҷумъазода чунин суханони самимиро ба забон овардааст:

«Дӯстонам, устодонам, намедонам аз дастам чӣ меояд. Вале медонам, Шуморо дӯст медорам, бо ёди Шумо зиндаам. Агар ҳунари фарзанди дурафтодаатон писандатон ояд, сарам ба осмон мерасад. Ман рӯзи тамошо ташнаи дидору нигоҳҳои меҳрбори шумоям!..» Ин суханон, ки дар онҳо як ҷаҳон самимияту эътиқоди санъаткор ниҳон аст, бори дигар шоҳиди муҳаббати беандозаи ӯ нисбати театр ва тамошобин мебошанд.

Намоз Ойматов ҳамеша дар орзуи он буд, ки дар Самарқанд рӯзе театри тоҷик ташкил ёбад, зеро ба қавли худаш «самарқандиён тамошобинони адофаҳму нозуктабиат ва санъатдӯст ҳастанд».

Силсилаи образҳои ҳунармандонае, ки актёри бомаҳорат Намоз Ойматов дар саҳнаи театр офаридааст, бо мазмуни ахлоқию иҷтимоӣ, шакли ҷаззоб ва эҳсосу андеша аз ҳунари волои ин санъаткори варзида дарак медиҳанд.

**Б. ХУРРАМЗОД,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори фалсафа доир ба илмҳои санъатшиносӣ.**

*Аз ҳаёти адибони бузурги ҷаҳон*

# БО ЯК КИТОБ БА АБАДИЯТ ПАЙВАСТ

Адиби машҳури Амрико Маргарет Митчелл (1900-1949) ҳамагӣ як асар – «Бодбурда» (русиаш «Унесённые ветром») навишта, ному насаби хешро ҷовидон гардонд. Зеро бино ба эътирофи бостоншиносон дар ин романи ишқӣ таърихи пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо далелу санадҳои раднопазир акси худро ёфтааст.

Шояд аз ҳамин сабаб асар ба китобҳои дарсӣ дохил шуд ва дар асоси он филмҳои бадеии бисёрқисмата таҳия гардид.

Аммо таърихи навишта шудани романи мазкур мароқангез аст.

Маргарет Митчелл ба дарди по гирифтор шуда, ноилоҷ бистарӣ мегардад. Барои дилгир нашудан, бо мутолиаи асарҳои бадеӣ банд мешавад. Шавҳараш Ҷон Марш қариб ҳар рӯз як китоби нав меоварду ва ӯ кунҷковона ва бо шавқ мутолиа намуда, ба ҳамсараш камбудиҳояшонро мегуфт. Ин аҳвол бисёр такрор ёфта буд, ки чунин рафтору гуфтори ҳамсараш ба дили ӯ зад.

– Азизам Маргарет, – ниҳоят гуфт вай, – агар ба ту асарҳои нависандагон писанд наояд, ба худат маъқулашро навис!

Рӯзи дигар шавҳараш бо китоб дастгоҳи чопӣ (машинка) низ оварда, нимҷиддию нимшухӣ луқма партофт:

– Барори кори эҷодӣ таманно дорам!

Маргарет Митчелл, ғайричашмдошт, ба навис-навис пардохт. Аммо ҳамин, ки ёру дӯстон, хешу пайвандон ба аёдаташ меомаданд, дастнависи хешро зери болин ё қолин пинҳон мекард.

Гарчанде соли 1929 сиҳату саломат ба по хест, вале дастхатҳо боз чанд сол аз назари дигарон пинҳон монданд.

Ниҳоят соли 1936 китоб бо номи «Пагоҳ – рӯзи дигар» рӯйи чопро дид ва ба асари безаволи хонданибоб табдил ёфт.

Муаллиф ба асари калонҳаҷм (беш аз ҳазор саҳифа) бо назари танқидӣ нигариста, санадҳои таърихӣ, воқеаҳои ҳаётиро дақиқ омӯхта илова намуд. Номи китобро тағйир дод, бино ба як сатр шеъри Эрнест Даусон онро «Бодбурда» номид.

Таҳиягар Виктор Флелинг аз рӯйи асар филми бадеӣ бардошт, ки қаҳрамони асосии он хонум Скарлет О'Хара мебошад.

Боиси ифтихору хушнудист, ки китоб танҳо дар Амрико 80 маротиба бо миллионҳо нусха нашр ва ба 37 забони дунё тарҷума гардид.

Филми он дар озмуни Оскар 8 маротиба ҷоиза гирифт. Аз ҳама аҷибаш, соҳибхоназан ба нависандаи барҷаста табдил ёфт, ки вай ба чунин шуҳратёр гардидан тайёр набуд. Шояд сабаб ин буд, ки аз мусоҳиба бо мухбирон ва иштирок дар рӯнамоии китоб канораҷуӣ мекард. Аксарият ӯро роҳиб, чилланишин гумон мекарданд. Ҳатто баъзе мегуфтанд, ки китобро шавҳараш Ҷон Марш навиштааст, вай рӯзномаи модаркалонашро бо баъзе тағйироти бадеӣ дигар карда, ба дасти чоп додааст.

Аммо чаро ӯ дигар чизе нанавишт? Ин суол беҷавоб монд.

Афсӯс, ки августи соли 1949 шабона, ҳангоми бозгашт аз кинотеатр, дар натиҷаи беэътибории ронандаи маст, садама рух дод ва ӯ баъди панҷ рӯз ба Ҳақ пайваст.

Шавҳараш Ҷон Марш соли 1952 вафот кард ва ӯро дар қабристони Окленди штати Ҷорҷия дар шафати ҳамсараш ба хок супурданд.

**Таҳияи З. ҲАСАНЗОДА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 3690. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.